***УДК 347.1***
***DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-38-46***

## *ТАЪСИРИ СУИИСТИФОДАИ ҲУҚУҚ БА ҶАВОБГАРӢ ДАР ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ*

***Очилова Фирӯза Аюбовна,*** *н.и.ҳ., мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ВЛИЯНИЕ ЗЛОУПОТРЕБЛЕНИЯ ПРАВОМ НА ОТВЕТСТВЕННОСТЬ В АКЦИОНЕРНЫХ ОБЩЕСТВАХ*

***Очилова Фируза Аюбовна,*** *канд.юрид.наук, зав. кафедрой гражданского и трудового права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

## *THE IMPACT OF ABUSE OF THE RIGHT TO LIABILITY IN JOINT STOCK COMPANIES*

***Ochilova Firuza Ayubovna,*** *candidate of legal sciences, the head of civil and labor law department under TSULBP (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *ochilova_firuza@mail.ru*

*Масъалаи таъсири суиистифодаи ҳуқуқ ба ҷавобгарӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба сӯиистифодаи ҳуқуқ аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ ба роҳбарӣ гирифта шуда, дар асоси доктринаи ҳуқуқии истифодашуда масъалаи мавриди баррасӣ бо даназардошти пешниҳодҳои олимони соҳа таҳлил карда шудааст. Ғайр аз ин оиди самтҳои доктринаи ҳуқуқӣ аз ҷониби олимоне, ки таълимотро дар бораи сӯиистифодаи ҳуқуқ ҷонибдорӣ мекунанд пешниҳодҳо доир ба намуд ва шаклҳои сӯиистифодаи ҳуқуқ номбар ва якчанд хулосаҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ, сӯиистифодаи ҳуқуқ, ҷавобгарӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, шикана, дефинитсия, саҳмдорон*

*Анализируется проблема влияния злоупотребления правом на ответственность в акционерных обществах. За основу анализа взяты работы отечественных и зарубежных ученых о злоупотреблении правом участниками долевых отношений, на основе использованной правовой доктрины названная проблема проанализирована с учетом предложений ученых в этой области. Кроме того, согласно направлениям правовой доктрины учёных, поддерживающих учение о злоупотреблении правом, сделаны некоторые конкретные выводы, а также представлены предложения о видах и формах злоупотребления правом.*

***Ключевые слова:*** *акционерные правоотношения, злоупотребление правом, ответственность, акционерное общество, шикана, дефиниция, акционеры*

*This article analyzes one of the specific issues of the impact of abuse of rights on liability in joint stock companies. The article takes as a basis the works of domestic and foreign scientists on the abuse of rights by participants in equity relations, and on the basis of the legal doctrine used, the issue under consideration is analyzed taking into account the proposals of scientists in this area. In addition, in the areas of legal doctrine, scientists who support the doctrine of abuse of law list proposals on the types and forms of abuse of law, and also present some specific conclusions.*

***Key-words:*** *shareholder legal relations, abuse of right, liability, joint-stock company, chicane, definition, shareholders*

Дар як қатор таҳқиқоти ба масъалаҳои ҷавобгарӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ бахшидашуда муаллифон ба масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ба андешаи Е.А. Молотников, «гарчанде масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ дар замони муосир дар доираҳои илмӣ мубрам бошад ҳам, вале эътироф

кардан лозим аст, ки нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ он ҳалли ниҳоии худро дарёфт накардааст. Муҳаққиқон ба масъалаи мазкур рӯ меоранд, кӯшишҳои алоҳида барои дарёфти ҳалли зуҳуроти алоҳидаи суиистифодаи ҳуқуқ дар муносибатҳои саҳомӣ мушоҳида мегарданд, вале муносибати маҷмуӣ ба ҳалли масъала ҷой надорад» [10, с. 92].

Мутаносибан, барои дарёфти посух ба саволи гузошташуда, яъне дар бораи суиистифодаи ҳуқуқ аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ мо зарур меҳисобем, ки масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ дар ҳуқуқи маданиро дар маҷмуъ баррасӣ намоем, зеро маҳз дар ин маврид қонуниятҳои умумӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии масъалаи номбаршударо пайдо кардан мумкин аст. Пас аз он истифодаи қонуниятҳои муқаррargардида нисбат ба конструксияи муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ имконпазир мегарданд.

Чуноне ки Т.К. Қодирзода қайд менамояд, ҳангоми муайян кардани суиистифодаи ҳуқуқ якчанд нишонаҳоеро, ки рафторро бо чунин сифат ифода мекунанд, номбар кардан мумкин аст. Суиистифодаи ҳуқуқро вобаста ба чунин нишонаҳо, ба монанди расонидани зарар, ҳамчунин содир кардани амалҳое, ки боиси расонида шудани зарар ба тарафи дигари муносибатҳо мегарданд, муайян кардан лозим аст. Ғайр аз он, дар баробари зуҳуроти номбаршуда чунин нишонаро, ба монанди татбиқи ҳуқуқи субъективӣ дар мувозина бо поквиҷдонӣ ва хушахлоқӣ номбар кардан мумкин аст. «Ба сифати суиистифодаи ҳуқуқ ҳуқуқвайронкуниҳои маданиеро эътироф кардан мумкин аст, ки аз ҷониби шахси ваколатдор бо истифодаи шаклҳои нораво дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ба амал баровардашаванда содир карда мешаванд» [6, с. 86].

Азбаски қонунгузор дефинитсияи «суиистифодаи ҳуқуқ»-ро кушода надодааст, дар амалия то ҳол низоми нишонаҳои коркардҳое, ки барои муайян кардани рафтор ҳамчун суиистифодаи ҳуқуқ имконият дода метавонанд, ҷой надорад.

Қайд кардан лозим аст, ки таҳияи консепсияи нораво будани суиистифодаи ҳуқуқ ҳанӯз дар давраи ҳуқуқи римӣ таҳия гардида буд. Ғайр аз он, ифодаи таваҷҷуҳ нисбат ба падидаи мазкур ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии ташаккули тафаккур ва анъанаҳои фалсафии аврупоӣ мушоҳида мегарданд. Принсипи нораво будани суиистифодаи ҳуқуқ ба сифати меъёри танзимкунанда ҳамчунин дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса (моддаи 4) аз 26 августи соли 1789 мустаҳкам карда шуда буд [7, с. 55].

Чуноне ки қайд гардида буд, ҳанӯз дар ҳуқуқи римӣ масъалаҳои суиистифодаи ҳуқуқ ҳамчун институти мустақил баррасӣ карда шудааст. Дар ҳуқуқи римӣ принсипи *gui jure suo utitur, neminem laedit* амал мекард. Мазмуни принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки шахси аз ҳуқуқи худ истифоданамоянда набояд ба касе зарар расонад. Принсипи номбаршуда, ки ҳанӯз дар қонунгузории римӣ мустаҳкам карда шуда буд, дар асарҳои ҳуқуқшиносони римӣ коркард гардида, дертар ба сифати принсипи умумӣ баромад менамояд. Баамалбарории ҳуқуқ моҳиятан ҳамчун суиистифодаи ҳуқуқ баррасӣ карда намешавад. Чуноне ки ҳуқуқшиноси римӣ Гай К.Л. иброз намуда буд: *Nullus videturdolo facere, gui jure suo utitur,* яъне «Рафтори касе бадқасдона ҳисобида шуда наметавонад, агар аз ҳуқуқи худ истифода карда бошад» [5, с. 21].

Дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 9 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳудудҳои баамалбарории ҳуқуқҳои граждании муқаррар карда шудаанд, вале ҳудудҳои муайянгардида ба субъектони муносибатҳо имконияти анҷом додани амалҳоеро, ки барои расонидани зарар ба субъектони дигар нигаронида шудаанд, яъне ба истилоҳ суиистифодаи ҳуқуқро пешниҳод намекунанд.

Вобаста ба ҳолатҳои баёнгардида қайд кардан лозим аст, ки дар он мафҳуми «суиистифодаи ҳуқуқ» ҷой надорад, ҳамчунин нишонаҳое, ки тавассути онҳо «шаклҳои дигари» суиистифодаи ҳуқуқ муайян гаштанашон мумкин аст, кушода дода нашудаанд.

Мутаносибан чунин ҳолат дар рафти истифодаи он дар амалия метавонад мушкилоти ҷиддиро ба миён орад.

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо мехостем таваҷҷуҳи худро ба муносибати доктринаи ҳуқуқӣ нисбат ба муайянкунии дефинтисияи «суиистифодаи ҳуқуқ» равона намоем. Вобаста ба масъалаи мазкур доктринаи ҳуқуқӣ аз рӯи якчанд самт инкишоф ёфтааст.

Самти аввали рушди доктринаи ҳуқуқӣ бо фаҳмиши суиистифодаи ҳуқуқ бо мазмуни маҳдуд алоқаманд мебошад. Чунин муносибат ба суиистифодаи ҳуқуқ, ба андешаи И.В. Тордия, бо «шикана» [2] маҳдуд мегардад.

Ба сифати ҷанбаи мусбати мавқеи номбаршуда он ҳолат баромад менамояд, ки «назарияи суиистифодаи ҳуқуқ ба сифати воситаи бартараф кардани норасоиҳо дар ҳуқуқ баррасӣ карда шуданаш мумкин нест. Мутаносибан, суд дар ҳолати мушаххас наметавонд муайян намояд, ки оё ҳуқуқ дар асоси муқаррароти қонун истифода шудааст ё не» [14, с. 226].

Вобаста ба ин масъала И.А. Покровский қайд менамояд, ки чунин назардошти васеъкардашудаи судӣ, ки на ба муқаррароти характери ҳуқуқидошта, балки ба принсипҳои ҳуқуқ асос ёфтааст, боиси ноустувории ҳуқуқ гашта, ҳудудҳои ҳуқуқҳои субъективиро номуайян менамояд [13, с. 112-113].

Дар самти дуюми доктринаи ҳуқуқӣ оид ба муайян кардани дефинитсияи «суиистифодаи ҳуқуқ» зуҳуроти мазкур констурксияи сунъии аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ надошта эътироф карда мешуд. Тарафдорони ин самт қайд менамоянд, ки «суиистифодаи ҳуқуқ» амалест берун аз ҳудуди ҳуқуқ ва бар хилофи ҳуқуқ. Ба андешаи В.Н. Кудрявсев «чаҳорчӯбаи таъсири ҳуқуқ дар меъёрҳои он ифода меёбад ва дар ҳолати дигар тасаввур кардан мумкин буд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ шакл ва чаҳорчӯбаи номуайян дошта, албатта ба номутаносибии худи меъёр бо қисми мазмунии он оварда расонида метавонист» [8, с. 37].

Н.В. Кудрявсев ба хусусиятҳои хоси суиистифодаи ҳуқуқ аҳаммият надода, ба зарурати истифодаи меъёрҳое, ки ба таркиби алоҳидаи ҳуқуқвайронкуниҳо бахшида шудаанд, ишора менамояд. Яъне дар мавриди амали иштирокчии муносибатҳо дар ҳудуди ҳуқуқҳои худ, суиистифодаи ҳуқуқ мушоҳида намегардад. Дар мавридҳои дигар, амалҳое, ки аз ҳудуди муқарраркардаи меъёрҳо берун мебароянд, боиси ҳуқуқвайронкунӣ мегарданд ва бинобар ин бояд масъулият фаро расад [8, с. 36-38].

Самти сеюми доктринаи ҳуқуқӣ аз ҷониби олимоне, ки таълимотро дар бораи суиистифодаи ҳуқуқ ҷонибдорӣ мекунанд, пешниҳод гаштааст. Ба андешаи В.П. Грибанов, суиистифодаи ҳуқуқ ҳамчун ҳолате баромад менамояд, ки тибқи он «субъекти ваколатдор дар ҳудуди ҳуқуқҳои субъективии ба ӯ тааллуқдошта, дар ҳудуди он имкониятҳое, ки мазмуни ҳуқуқи мазкурро ташкил медиҳанд, амал карда, чунин шаклҳои татбиқи онро истифода менамояд, ки аз ҳудудҳои муқарраркардаи қонун оиди баамалбарории ҳуқуқ берун мебароянд» [4, с. 46] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз мавқеи овардашударо ба роҳбарӣ гирифтааст.

Лозим ба таъкид аст, дар бораи мафҳуми «суиистифодаи ҳуқуқ» дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати ягона ҷой надорад. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки тибқи он конструксияи мазкур пурихтилоф буда, аз мазмуни ҳуқуқӣ холӣ аст. Масалан, М.М.

---

* Шикана – суиистифодаи ҳуқуқ (лот. *aemulatio*), ки дар истифодаи ҳуқуқи субъективии аз тарафи қонун ва ё шартнома пешниҳодшуда бо мақсади ба шахси дигар расонидани зарар ва ё бо мақсади (шакл)-и дигар ифода мегардад. Ҳамчун мисоли шакли дигар, дорошавӣ ва ё сарфа кардани воситаҳои худ аз ҳисоби шахси дигар баромад карда метавонад. Нисбатан муфассал дар ин бора ниг.: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/

Агарков чунин меҳисобад, ки баамалбарории ҳуқуқ пурихтилоф буда наметавонад [1, с. 22] . М.В. Самойлова қайд менамояд, ки ҳуқуқи худро ба амал бароварда, соҳибмулк ҳамеша дар ҳудуди иҷозатдодашуда амал менамояд ва дар ин маврид низ рафтори зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби вай умуман ҷой дошта наметавонад [12, с. 18] .

Ба андешаи С.Н. Братус, мавқеи муқобил гузоштани шакли ҳуқуқ ба мазмуни он боиси вайрон кардани қонуният гашта, имконияти беасос васеъ гаштани назардошти судӣ афзоиш меёбад ва, мутаносибан, барои анҷом додани чунин муқобилгузорӣ зарурат ҷой надорад. Дур гаштани ҳуқуқро аз иҷрои таъиноти иҷтимоиаш ҳамчун риоя накардани нишондоди меъёрҳои қонун бо тамоми оқибатҳои дар ин маврид ба миён оянда арзёбӣ кардан мумкин аст. Аз рӯи асосҳои номбаршуда С.Н. Братус чунин хулосабарорӣ менамояд: «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқро дар мавриди мувофиқ наомаданаш бо таъиноти меъёрҳои номбаршуда ҳамчун ҳолати суиистифодаи ҳуқуқ баррасӣ кардан мумкин нест» [5, с. 21-24] .

Дар байни ҳуқуқшиносони олмонӣ [15, с. 157] оид ба масъалаи мувофиқи мақсад ва зарур будани ба матни Қонуни граждании Олмон ҳамроҳ кардани принсипи ба истилоҳ «шикана» *(chikane)*, ки мазмуни баамалбарории ҳуқуқ бо мақсади ба шахси дигар расонидани зарарро дорад, баҳсҳои тӯлонӣ сурат гирифтааст.

Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати таҷдиди назарро ба институти «суиистифодаи ҳуқуқ» ба миён овард. Равандҳое мушоҳида мешуданд, ки дар доираи он суиистифодаи ҳуқуқ бо кӯшиши қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсии моддӣ ва манфиатҳои дигар сурат мегирифт. Ҳамин тариқ, суиистифодаи ҳуқуқ дар кадом намуде, ки он ифода наёбад, ҳамчун «шикана» маънидод гашта наметавонист ва ҳолати мазкур берун аз чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ монда буд.

Қайд кардан лозим аст, ки масъалаи суиистифодаи ҳуқуқро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аз ҷумла Ш.М. Менглиев қайд менамояд, ки бояд муқаррар карда шудани ҳудуди баамалбарории ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ ҳамчун дастоварди бузурги Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шавад. Хусусияти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар он ифода мегардад, ки дар санади мазкур нисбат ба субъектони ҳуқуқ имконияти ба амал баровардани ҳуқуқҳоро вобаста ба манфиатҳои шахсӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин маврид бояд ҳудудҳои баамалбарории ҳуқуқ, ки дар моддаи 9 КМ пешбинӣ гаштаанд, аз ҷумла муқаррароти зерин риоя карда шаванд:

«1. Ҳангоми баамалбарории ҳуқуқ онҳо набояд ба вайрон гаштани ҳуқуқу манфиатҳои субъектони дигари ҳуқуқ мусоидат намоянд.

2. Дар вақти баамалбарории ҳуқуқҳои маданӣ иштирокчиён бояд бо назардошти принсипҳои боадолатӣ ва поквиҷдонӣ амал намоянд.

3. Иштирокчиён уҳдадоранд талаботи қонун ва принсипҳои ахлоқии шуури ҷамъиятиро риоя намоянд ва ғайра.

Талаботи мазкур талаботи умумие мебошанд, ки риояи онҳо барои тамоми субъектони ҳуқуқи маданӣ ҳатмӣ ҳисоб меёбанд» [9, с. 9].

Махсус таъкид кардан зарур аст, ки қоидаи махсус ва нисбатан қатъии нораво будани сӯиистифодаи ҳуқуқ маҳз дар моддаи 9 КМ мустаҳкам карда шудааст, ки мувофиқи он «баамалбарории ҳуқуқи худ» бо мақсадҳои зерин роҳ дода намешавад:

- бо нияти махсуси расонидани зарар ба шахси дигар шикана;
- бо мақсади маҳдуд сохтани рақобат дар бозори мол, кору хизматрасонӣ ва ғайра;
- бо мақсади ба даст овардани мавқеи афзалиятнок дар бозор;
- ва сӯиистифодаи ҳуқуқ, ки таҳти муайяннамоии се ҳолати аввала қарор намегирад» [3, с. 347-348].

Ба андешаи Ш.М. Менглиев, аз се шакли суиистифодаи ҳуқуқ шакли нисбатан хавфнок ва дағали он шикана ҳисоб меёбад. Хусусияти истисноӣ доштани шикана дар он ифода мегардад, ки якум, дорандаи ҳуқуқи субъективӣ бадқасдона амал менамояд. Амали мазкур дидаву дониста сурат гирифта, ҳудудҳои аз тарафи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраргаридаро вайрон менамояд; дуюм, мақсади амалҳои мазкурро на қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии қонунӣ, балки расонидани зарар ба шахси дигар ташкил медиҳад; сеюм, он ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маданӣ баромад намуда, барои содир карда шуданаш истифодаи чораҳои масъулият муқаррар карда шудаанд.

Шикана ҳамчун намуди суиистифодаи ҳуқуқ баромад карда, бо мақсади манфӣ ва самтгирии хусусиятнок ба амал бароварда мешавад. Он на танҳо ҳамчун вайронкунии муқаррарии ҳудудҳои татбиқи ҳуқуқ, балки ҳамчун истифодаи ҳуқуқи субъективӣ бо мақсадҳои ғаразнок баррасӣ карда шуда, ҳам ҳуқуқу манфатҳои субъекти алоҳида ва ҳам тартиботи ҳуқуқии ҷамъиятиро халалдор менамояд. Дар ин маврид манъкунии умумӣ барои расонидани зарар, ки ҳамчун аксиома ҳангоми баамалбарории ҳуқуқҳои ба субъектон тааллуқдошта дар тамоми соҳаҳои танзими ҳуқуқӣ-маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи ухдадорӣ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ғайра баромад менамояд, вайрон карда мешавад [9, с. 10].

Дар бораи суиистифодаи ҳуқуқ дар ҷамъияти саҳомӣ сухан ронда, он ҳолатро ба инобат гирифтан лозим аст, ки татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии саҳмдорон бевосита ва ё тавассути мақомоти идоракунии ҷамъияти саҳомии мазкур ба амал бароварда мешавад. Дар доираи чунин муносибатҳо ҳолатҳое ҷой доштанашон мумкин аст, ки бархӯрди манфиатҳои ҳам байни саҳмдорон ва ҳам саҳмдору ҷамъияти саҳомӣ ба миён меоянд.

Ҳолатҳои мазкурро баррасӣ намуда, аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда шудани қарореро мисол овардан мумкин аст, ки тибқи он пардохти суд маҳдуд ё манъ карда мешавад, оид ба нақшаи рушди ҷамъияти саҳомӣ маблағҳои дахлдор муайян карда мешаванд, [2, с. 80].

Вобаста ба ҳолатҳои мазкур бо мақсади нигоҳ доштани ҷамъияти саҳомӣ ба сифати субъекти ягонаи хоҷагидор ва низоми муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ-корпоративӣ, ҳамчунин риояи манфиатҳои тамоми субъектони муносибатҳои саҳомӣ бояд ба сифати яке аз ҳадафҳои асосии танзими ҳуқуқии субъекти мазкури хоҷагидор ҳангоми баамалбарории ҳуқуқҳои субъектони он баррасӣ карда шуданаш лозим аст.

Қайд кадан лозим аст, ки дар қонунгузории ватанӣ ба мустаҳкам карда шудани воситаҳои танзимнамоии масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ аҳаммияти кофӣ дода нашудааст. Тахмин кардан мумкин аст, ки тибқи андешаи қонунгузор нокифоягии механизми ҳуқуқиро амалияи судӣ ҷуброн менамояд. Вале, чуноне ки амалия тасдиқ менамояд, ҳолатҳои истифодаи моддаи 9 КМ хеле кам ба мушоҳида мерасад. Ба андешаи мо, судҳо ба истифодаи институти ҳуқуқии суст танзимёфта он қадар моил нестанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки маънидодкунӣ ва иқтибосоварии ноҷои ҳуҷҷатҳои судҳои болоӣ боиси фаҳмиши нодурусти инстиути суиистифодаи ҳуқуқ гашта метавонад.

Қайд кардан лозим аст, ки бо вуҷуди мубрамияти масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ дар самти муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ норасоиҳои муайян мушоҳида мегарданд. Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ бахшида ба масъалаҳои суиистифодаи ҳуқуқ дар рафти муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ таҳқиқоти муайян мавҷуданд. Вале дар таҳқиқоти анҷомдодашуда танҳо ба баъзе ҷанбаҳои институти суиистифодаи ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ, аз ҷумла, дорандаи пакети назоратии саҳмияҳо нисбати саҳмдорони миноритарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқони дигар оид ба суиистифодаи ҳуқуқ аз ҷониби саҳмдорони миноритарӣ сухан

ронда, дар бобати мавҷудияти «таҳдиди корпоративӣ» ҳарф мезананд [2, с. 82].

Адабиёти ҳуқуқиро оид ба суиистифодаи ҳуқуқ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки чунин муносибати тафриқавӣ нисбат ба масъалаи муқаррар кардани суиистифодаи ҳуқуқ, ки танҳо нисбат ба субъектони алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ равона гардидааст, мувофиқи мақсад намебошад ва, ҳатто, то як андоза мумкин аст ба рушди минбаъдаи муносибатҳои саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хавф эҷод кунад. Ба андешаи мо, доир ба ин масъала ҳуқуқи субъектони муносибатҳои саҳомӣ, ки нисбати онҳо суиистифода мушоҳида мешавад, мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ барои муқаррар кардани асосҳои таснифи ҳолатҳои ба миён омадани суиистифодаи ҳуқуқ дар ҷамъияти саҳомӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст.

**1. Вобаста ба шахсе, ки аз ҳуқуқ суиистифода менамояд**

Қайд кардан лозим аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои суиистифодаи ҳуқуқ баъзан аҳаммияти вазъи иштирокчии муносибатҳо аз мадди назар дур мемонад. Дар асл бошад, ҳиссаи суиистифодаи ҳуқуқ аз тарафи ҷамъияти саҳомӣ ва ё шахсе, ки идоракунии ҷамъияти мазкурро анҷом медиҳад, гуногун буданаш мумкин аст. Чунин таваҷҷуҳ метавонад доираи шахсонеро, ки дар ҷамъияти саҳомӣ ба суиистифодаи ҳуқуқ роҳ медиҳанд, маҳдуд намояд.

Дар асоси таҳлили мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ қариб тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ ба суиистифодаи ҳуқуқ роҳ доданашон мумкин аст.

Аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ татбиқ шудани ҳуқуқҳои худ дар андозаи пурра, ки боиси суиистифодаи ҳуқуқ гаштанаш мумкин аст, мисоли чунин баҳодиҳӣ мебошад. Дар амалия ҳолатҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки истифодаи ҳуқуқ аз ҷониби мақоми алоҳидаи ҷамъияти саҳомӣ, ки ба сифати тарафи муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ баромад наменамояд, ҳамчун суиистифодаи ҳуқуқ баррасӣ мешавад. Масалан, чунин ҳолат дар фаъолияти комиссияи ревизионӣ, ҳангоми ба амал баровардани чорабиниҳои бо баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои муҳосиботӣ алоқамандбуда (моддаи 85 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»); ҳуқуқи талаб кардани даъвати маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон ба комиссияи баҳисобгирӣ тааллуқ дорад (сархати 1 банди 1 моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»).

Вобаста ба муқаррароти қонун комиссияи баҳисобгирӣ метавонад ба роҳбарияти ҷамъияти саҳомӣ оид ба беҳтар кардани ҳолати ҳуҷҷатгузории субъекти хоҷагидор талабот ирсол намояд.

**2. Вобаста ба ҳуқуқе, ки предмети сӯиистифодаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомиро ташкил медиҳад**

Ҳангоми баррасии масъалаи суиистифодаи ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ ба амал бароварда, вобаста ба доираи иштирокчиёни ин муносибатҳо бояд ба ҳуқуқҳои бевоситае, ки предмети чунин суиистифодаро ташкил медиҳанд, таваҷҷуҳ дода шавад. Ба сифати ҳуқуқҳои имконпазире, ки нисбати онҳо суиистифода сурат гирифта метавонад, ҳуқуқҳои зерин баромад мекунанд:

1. Ҳуқуқе, ки барои иштирок дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ имконият медиҳад.

Ҳуқуқи иштирок дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ ба доираи васеи иштирокчиён таалluқ дорад. Ба сифати чунин шахсон саҳмдороне, ки ҳуқуқи иштирок дар кори маҷлиси умумии саҳмдоронро доранд (моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»); шахсоне, ки ҳуқуқи даъвати маҷлиси ғайринавбатии ҷамъияти саҳомиро доранд (моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои

саҳомӣ») ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, мутобиқи моддаи 68 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аъзои мақомоти идоракунии ҷамъияти саҳомӣ дорои ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба идоракунии ҷамъияти саҳомӣ равона карда шудаанд.

Ҷамъиятҳои саҳомӣ ҳамчун ҷамъияти хоҷагидор дорои чунин хусусиятҳо, аз қабили имкони ҷалби мақомоти ҷамъият ба омода кардани қарорҳои зарурӣ барои қабули минбаъдаи онҳо, иҷрои бевоситаи чунин қарорҳо ва ҳамчун натиҷа, тафтиши татбиқи вазифаҳои дар назди ҷамъияти саҳомӣ гузошташуда мебошад. Ғайр аз он, қайд кардан лозим аст, ки тибқи қонунгузории амалкунанда ба ҷараёни идоракунии ҷамъияти саҳомӣ шахсоне ҷалб карда шуданашон мумкин аст, ки дорои функсияҳои идоракунӣ намебошанд. Масалан, шахсе, ки функсияи ревизорро ба амал мебарорад, ба сифати мақоми идоракунии ҷамъияти саҳомӣ эътироф гашта наметавонад, вале ӯ мумкин аст ба ҷараё ни идоракунӣ тавассути ба шурои директорони ҷамъияти саҳомӣ равона карда шудани талабот дар бораи гузаронидани маҷлиси ғайринавбатии субъекти хоҷагидор ҷалб карда шавад. Мутобиқи нишондоди қонунгузории амалкунанда чунин ҳуқуқҳо нисбати аудиторҳои ҷамъият низ мустаҳкам карда шудаанд (сархати 1 банди 1 моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»).

Хулоса чунин аст: дар мавриди мазкур баҳодиҳии рафтор духӯра буда метавонад: агар қасд нисбат ба ҷамъияти саҳомӣ характери бевосита дошта бошад, нисбат ба саҳмдори алоҳида он бавосита ҳисоб меёбад.

2. Ҳуқуқ барои гирифтани иттилоот.

Ҳуқуқ барои гирифтани иттилоот оид ба фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ дар байни ҳуқуқҳои дигари саҳомон мақоми махсус дорад, зеро маҳз мавҷудияти иттилоот дар бораи муносибатҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ ба тамоми иштирокчиёни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд ва дар идоракунии ҷамъият иштирок намоянд. И.Т. Тарасов, ба зарурати ҳуқуқи саҳомон нисбат ба иттилоот ишора намуда, қайд менамояд: «Ҳангоми муқаррар намудани ҳуқуқи саҳом барои гирифтани иттилоот оид ба фаъолияти ҷамъият ду ҳолати зеринро ба инобат гирифтан лозим аст: якум, идоракунии фаъолияти ширкат ва баамалбарории уҳдадориҳои хизматии худ дар мавриди аз ҷониби саҳомон пурра ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур дар кадом андоза маҳдуд мегардад ва, дуюм, он суиистифодае, ки дар мавриди мазкур аз ҷониби саҳомони алоҳида ҳангоми аз ҷонибашон ба амал бароварда шудани ин ҳуқуқ имконпазир аст, то кадом андоза ба ширкат зарар расонида метавонад» [13, с. 444].

Дар амал бошад, табиати ҳуқуқ ба иттилоот чунин аст, ки мутобиқи моддаи 52 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», он ҳам ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот оид ба баргузор намудани маҷлиси умумии ҷамъият ва ҳам ҳуқуқро барои дастрасӣ нисбат ба ҳуҷҷатҳои ҷамъияти саҳомӣ дар бар мегирад, ки ҳолати мазкур албатта барои татбиқи ҳуқуқи саҳомони миноритарии ҷамъият мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили ба субутрасонида шаклҳои зерини суиистифодаи ҳуқуқро зикр кардан мумкин аст:

1. Шикана. Он ба сифати шакли нисбатан хавфнок ва дағали суиистифодаи ҳуқуқ баромад намуда, на танҳо вайронкунии муқарраріи ҳудудҳои баамалбарории ҳуқуқ, балки истифодаи ҳуқуқи субъективӣ бо мақсади бадқасдона маҳсуб меёбад.

2. Шакли дигари суиистифодаи ҳуқуқ истифодаи ҳуқуқ бидуни ин ё он хоҳиши расонидани зарар ба шахсони дигар ба ҳисоб меравад. Дар мавриди мазкур амалҳои характери суиистифодадошта на хусусияти бевосита, балки бавосита доранд. Чунин шакли суиистифодаи ҳуқуқ дар доираҳои гуногуни воқеияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар уҳдадориҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи вайроншуда ва ғайра ҷой дошта метавонад.

3. Шакли дигари суиистифодаи ҳуқуқ эътирофи он ҳамчун намуди хусусиятноки ҳуқуқвайронкунии маданӣ ба ҳисоб меравад.

4. Дар мавридҳои дар ҷамъияти саҳомӣ ба миён омадани суиистифодаи ҳуқуқ, онро аз рӯи асосҳои зерин тасниф кардан зарур аст:

1) вобаста ба шахсе, ки ба суиистифодаи ҳуқуқ роҳ додааст: қариб тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ ба сӯиистифодаи ҳуқуқ роҳ доданашон мумкин аст;

2) вобаста ба ҳуқуқе, ки предмети суиистифодаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии саҳомиро ташкил медиҳад. Дар ин маврид ба сифати ҳуқуқҳои эҳтимолие, ки нисбаташон суиистифода сурат мегирад, ҳуқуқ барои иштирок дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ ва ҳуқуқ барои гирифтани иттилоот баромад карда метавонад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Агарков, М.М. Избранные труды по гражданскому праву: в 2-х т. / М.М. Агарков. – Москва: Центр – Юр – информ, 2002. – 466 с.*
2. *Бушев А.Ю., Скворцов О.Ю. Акционерное право. Вопросы теории и судебно-арбитражной практики / А.Ю. Бушев, О.Ю. Скворцов. – Москва: ЗАО «Бизнес - школа», 1997. – 176 с.*
3. *Волков А.В. Злоупотребление гражданскими правами; проблемы теории и практики: дис. ... д-ра юрид. наук / А.В. Волков. - Москва, 2010. - С. 347-348.*
4. *Грибанов, В.П. Осуществление и защита гражданских прав / В.П. Грибанов. – Москва: Статут, 2001. – 411 с.*
5. *Ковалёва, Н.А. Теория и практика становления злоупотребления правом / Н.А. Ковалёва. – Москва, 2004. – 57 с.*
6. *Кодирзода, Т.К. Проблемы злоупотребления субъективными гражданскими правами: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Т.К. Кодирзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.*
7. *Конституции зарубежных государств: учебное пособие / составитель: проф. В.В. Маклаков. 3-е изд. – Москва: Бек, 2001. – 550 с.*
8. *Кудрявцев, В.Н. и др. Закон и пределы правомерного поведения / В.Н Кудрявцев и др. // Советское государство и право. – 1980. – № 10. – С. 36–38.*
9. *Менглиев Ш.М. Гражданскому кодексу Республики Таджикистан – 10 лет / Ш.М. Менглиев. Гражданскому кодексу Республики Таджикистан – 10 лет. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 9.*
10. *Молотников, А.Е. Ответственность в акционерных обществах: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / А.Е Молотников. – Москва, 2005. – 235 с.*
11. *Покровский, И.А. История римского права / И.А. Покровский. – Санкт-Петербург, 1998. –113 с.*
12. *Самойлова М.В. Право личной собственности граждан СССР (понятие, осуществление, основные средства защиты): автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / М.В. Самойлова. – Ленинград, 1965. – 18 с.*
13. *Тарасов И.Т. Учение об акционерных компаниях / И.Т. Тарасов. – Москва: Статут, 2000. – 536 с.*
14. *Тордия, И.В. Категория злоупотребления правом в судебной практике / И.В. Тордия // Вестник Омского университета. Серия «Право». – 2008. – № 3 (16). – С. 226–230.*
15. *Яценко, Т.С. Категория шиканы в гражданском праве: история и современность / Т.С Яценко. – Москва: Статут, 2003. – 157 с.*


## *REFERENCES:*


1. *Agarkov, M.M. Selected Labours on Civil Rights: in 2 volumes. / M.M. Agarkov. – Moscow: Centre -Ur-inform, 2002. – 466 pp.*

2. *Bushev A.U., Skvortsov O.U. Shareholder Law. Questions on the theory and judicial and arbitration ptactice / A.U. Bushev, O.U. Skvortsov. – Moscow: JSC «Business - shkola», 1997. – 176 pp.*
3. *Volkov A.V. Abuse of Civil Rights; theory and practice problems: diiss. Doctor of legal sciences / A.V. Volkov. - Moscow, 2010. - PP. 347-348.*
4. *Gribanov V.P. Implementation and Protection pf Civil Rights / V.P. Gribanov - Moscow : Statut, 2001. – 411 pp.*
5. *Kovalova, N.A. Theory and Practice of Becoming the Abuse of Rights / N.A. Kovalova – Moscow, 2004. – 57 pp.*
6. *Kodirzoda T.K. Problems of Abuse of Subjective Civil Rights: diss. ... candidate of legal sciences: 12.00.03 / T.K. Kodirzoda. – Dushanbe, 2018. – 176 pp.*
7. *Constitutions of Foreign Countries: manual / completed: prof. V.V. Maklakov. – the third edition. – Moscow: Bek, 2001. – 550 pp.*
8. *Kudryavtsev, V.N. and others. Law and restrictions on legal behavior / V.N Kudryavtsev and others //Soviet State and Law. – 1980. – № 10. – PP. 36–38.*
9. *Mengliev Sh.M. Civil Code of the Republic of Tajikistan – 10 Years old / Sh.M. Mengliev. Civil Code of the Republic of Tajikistan – 10 Years old. – Dushanbe: Irfon, 2010. – PP. 9.*
10. *Molotnikov, A.E. Responsibility in Joint Stock Companies: diss. ... candidate of legal sciences: 12.00.03 / A.E Molotnikov. – Moscow, 2005. – 235 pp.*
11. *Pokrovsky, I.A. History of Roman Law / I.A.Pokrovsky. – Saint-Petersburg, 1998. –113 pp.*
12. *Samoilova M.V. Самойлова М.В. The Right of Personal Property of Citizens of the USSR (concept, implementation, basic means of protection): abstract. dis. ...cand. legal sciences: 12.00.03 / M.V. Samoilova. – Leningrad, 1965. – 18 pp.*
13. *Tarasov I.T. Study of Joint Stock Companies / I.T. Tarasov. – Moscow: Statut, 2000. – 536 pp.*
14. *Tordiya, I.V. Category of Abuse of Rights in Judicial Practice / I.V. Tordiya // Bulletin of Omsk University. Series «Law». – 2008. – № 3 (16). – PP. 226–230.*
15. *Yatsenko, T.S. Category of Chicane in Civil Law: History and Modernity/ T.S Yatsenko.– Moscow: Statut, 2003. – 157 pp.*